ТДУ 338.48

# ВАЗЪИ КУНУНӢ ВА ДУРНАМОИ РУШДИ СОҲАИ САЙЁҲӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Пиризода Ҷ.С. – д.и.и., академики АИКТ, директори Институти иқтисодиёти кишоварзӣ,**
**Ҷобиров Ш.А. – мудири шуъбаи омӯзиши муаммоҳои иҷтимоию иқтисодии ноҳияҳои кӯҳистони Инситути иқтисодиёти кишоварзии АИКТ**

***Ключевые слова:*** *состояние, перспективы, развитие, туризм, инвестиция, инфраструктура, эффективность, тенденция.*

Ҷойгиршавии ҷуғрофии Ҷумҳурии Тоҷикистон мероси бойи таърихию фаҳангӣ ва захираҳои табиӣ дошта, татбиқ гардидани сиёсати «Дарҳои кушода»-и Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи мусоидро барои рушди туризми дохилӣ ва ҷалби сайёҳони хориҷӣ фароҳам овардааст.

**Илова бар ин, Тоҷикистон барои рушди туризм имкониятҳои фаровон дорад. Дар алоқамандӣ бо ин, дар ҷумҳурӣ солҳои зиёд аст, ки шаклҳои сайёҳии алпинистӣ, варзиши кӯҳӣ, варзиши лижаронӣ, этнографӣ ва табобатӣ ташкил карда шудаанд. Инчунин, дар асоси имкониятҳои мавҷуда шаклҳои сайёҳии шикорчигӣ ва сайёҳии кӯҳиро ба роҳ мондан мумкин аст. Ҳамчунин Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои меъёрию ҳуқуқиеро қабул намудааст, ки барои танзим ва рушди соҳа аҳамияти басо муҳим доранд.**

Махсусан, татбиқи “Барномаи давлатии рушди туризм дар давраи солҳои 2015-2017”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2014, №736 тасдиқ гардида буд, барои рушди соҳа ба андозаи назаррас мусоидат намуд.

Бо дарназардошти ҳамаи ин, барои рушди соҳа таи солҳои охир дар ҷумҳурӣ заминаи зарурии ҳуқуқии фаъолияти соҳаи мазкур фароҳам оварда шуда, инчунин дар ҷумҳурӣ 3 меҳмонхонаи бренди байналмиллалии панҷситорадор, шумораи зиёди санатория ва курортҳо, 158 меҳмонхонаҳо бо пешниҳоди 7000 рахти хоби бо талаботҳои муосир ҷавобгӯ мавҷуд аст, ки 47 меҳмонхона дар шаҳри Душанбе ва қисми зиёди онҳо (111 меҳмонхона) дар маркази вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ҷойгир шудаанд. Ҳамчунин 3 маркази иттилоотии сайёҳӣ боиси таҳким ёфтани заминаи инфрасохтори соҳа гардидаанд [1]. Илова бар ин, маҷмааҳои зиёди фароғатию варзишӣ сохта мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шудаанд.

Инфрасохтори нақлиётӣ (фурудгоҳҳо, роҳҳои оҳан ва автомобилгард), ки инфрасохтори сайёҳиро таҷассум менамояд, ҳамлу нақли сайёҳонро ба истироҳатгоҳҳо ва осоишгоҳҳо таъмин сохта, ба рушди сайёҳӣ таккони ҷиддӣ мебахшад. Зеро нахустин омиле, ки ба сафарҳои сайёҳӣ таассурот мебахшад аз сифати хизматрасонии нақлиётӣ ба сайёҳон вобаста мебошад [2].

Таҷрибаҳои ҷаҳони муосир нишон медиҳанд, ки нақши туризм ҳамасола мунтазам афзоиш ёфта истодааст. Он тахминан 10 фоизи гардиши истеҳсол ва хизматрасониҳои ҷаҳониро таъмин мекунад. Бинобар ин, баъди соҳаи истихроҷ ва коркарди нафт, ки яке аз соҳаҳои бузургтарин ва сердаромадтарин ба шумор меравад, дар ҷои дуюм меистад. Ҳамчунин, бахши сайёҳӣ 6% - и маҷмӯи маҳсулоти миллии ҷаҳонӣ, 7% сармоягузориҳои ҷаҳонӣ, аз 16 як воҳиди ҷойҳои корӣ, 11% хароҷоти истеъмолӣ ва 5 фоизи даромади умумии андозро ташкил медиҳад [3].

Туризм ба саломатӣ ва давомнокии умри инсон таъсири назаррас дорад. Аз ин рӯ, консепсияҳои самаранокии соҳаҳои тиб, биология, иқтисодиёт ва иҷтимоиёт дар соҳаи туризм васеъ истифода мешаванд.

Зери мафҳуми самаранокии тиббӣ – биологӣ арзёбии таъсири туризм ба пешгирии бемориҳои аҳолӣ фаҳмида мешавад.

Таҳлилҳои олимони соҳаи тиб муайян намуданд, омили асосие, ки бештар сабаби афзоиши бемориҳои аҳолӣ ва коҳиш ёфтани миёнаумрии онҳо мегардад – ин аз ҳад зиёд машғул шудан ба корҳои ҷисмонӣ мебошад. Яъне инсон ҳангоми машғул будан ба корҳои зиёди ҷисмонӣ ба мондашавии аз ҳад зиёди руҳию ҷисмонӣ дучор мешавад.

Ягона омиле, ки метавонад саломатии инсонро муътадил гардонад – ин сайёҳат дар фозои орому муҳити мусоиди табиӣ мебошад. Сайёҳат намудан дар муҳити мусоиди табиӣ, метавонад мондашавии инсонро ба андозаи зарурӣ рафъ намояд. Ҳамчунин ҳангоми сайёҳат, сайёҳон метавонанд аз санаторияҳо, обу лоиқаҳои маъданию шифобахше, ки дар минтақаҳои сайёҳӣ мавҷуданд, самаранок истифода баранд.

Дар робита бо ин, олимон исбот кардаанд, ки дар натиҷаи мақсаднок ба роҳ мондани сайёҳат, мумкин аст, ки дараҷаи умумии бемориҳои аҳолӣ ба андозаи 30 фоиз кам карда шавад [4].

Дар баробари аҳамияти иҷтимоӣ доштанаш, сайёҳӣ аҳамияти иқтисодӣ низ дорад. Тибқи маълумоти оморӣ соли 2017 дар маҷмӯъ ба Тоҷикистон беш аз 490 ҳазор нафар шаҳрвандони хориҷӣ ворид гаштаанд, ки мутобиқи маълумоти мақомоти сарҳади давлатӣ (тибқи талаботи Созмони умумиҷаҳонии туризм СУТ) ба ҷумҳурӣ 431 ҳаз. нафар шаҳрвандони хориҷӣ ба ҳайси турист ворид шудаанд ва ин нисбат ба нишондиҳандаҳои соли гузашта 25% зиёд аст. Аммо ин, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дорои шароитҳои беҳтарини сайёҳӣ мебошад, кам аст. Илова бар ин, даромад аз пешниҳоди хизматрасониҳои сайёҳӣ (бе назардошти андоз аз арзиши изофа) ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 9 миллион сомонӣ ворид гаштааст, ки ин нисбат ба нишондиҳандаи панҷ соли пеш (яъне соли 2012) 1,9 миллион сомонӣ зиёд аст [5].

Таҳлили нишондиҳандаҳои қаблӣ ва вазъи кунунии иқтисодиёти кишвар нишон медиҳанд, ки соҳаи сайёҳӣ яке аз соҳаҳои босуръат рушдёбанда мебошад. Илова бар ин, рушди дурнамои он дар ҷумҳурӣ бар аъло мушоҳида мешавад.

Дурнамои нишондиҳандаҳои соҳаи сайёҳӣ барои солҳои 2017-2021 дар заминаи таҳлили тамоюли инкишофи соҳа ва маълумоти ширкатҳои сайёҳии кишвар, инчунин мақомоти ҳифзи сарҳадоти давлатӣ, таҳия гардидааст. Мутобиқи ахбори мақомоти соҳавӣ дар солҳои 2017-2021 соҳаи сайёҳии ҷумҳурӣ ба марҳилаи сифатан нав ворид хоҳад шуд. Зеро ҷараёни зиёдшавии сайёҳони хориҷӣ ба ҷумҳурӣ дар соли 2019 – 800,0 ҳазор нафар ва дар солҳои 2020-2021 мутаносибан 1 миллион ва 1 миллиону 100 ҳазор нафар пешбинӣ шудааст.

Ҳаҷми умумии маблағҳои аз ҳисоби сайёҳони ба қаламрави ҷумҳурӣ воридшаванда дар соли 2019 – 3540,0 млн. сомонӣ, соли 2020 – 4425,0 млн. сомонӣ ва соли 2021 – 4867,5 млн. сомонӣ баҳодиҳӣ шудааст. Шумораи сайёҳони дохилӣ дар соли 2019 – 620,0 ҳазор нафар, соли 2020 – 750,0 ҳазор нафар ва барои соли 2021 – 900,0 ҳазор нафар пешбинӣ шудааст.

Шумораи сайёҳони сайёр, ки аз ҷумҳурӣ берун сафар менамоянд дар солҳои 2019-2021 мутаносибан 18,3, 18,6 ва 19,1 ҳазор нафар пешбинӣ шудааст [6].

**Ҷадвали 1. - Нишондиҳандаҳои вазъ ва дурнамои соҳаи сайёҳӣ дар солҳои 2017 – 2021**

| **Нишондиҳандаҳо** | **Соли 2017** | **Соли 2018** | **Дурнамои** | **Параметрҳои дурнамо** | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | **Соли 2019** | **с. 2019 бо % нисбати с. 2018** | **Соли 2020** | **Соли 2021** |
| Туризми хориҷӣ | | | | | | |
| Шумораи умумии сайёҳони ба қаламрави ҷумҳурӣ воридшаванда (ҳазор нафар) | 430,9 | 620,0 | 800,0 | 129 | 1000,0 | 1100,0 |
| Аз он ҷумла, сайёҳоне, ки тибқи ширкатҳои сайёҳии ватанӣ хизмат расонида шудаанд (ҳазор нафар) | 4,4 | 4,54 | 5,04 | 111 | 5,57 | 6,24 |
| Ҳаҷми умумии маблағҳои даромадшуда аз ҳисоби сайёҳони ба қаламрави ҷумҳурӣ воридшаванда (млрд. сомонӣ) | 1906,8 | 2743,5 | 3540,0 | 129 | 4425,0 | 4867,5 |
| Аз он ҷумла, аз сайёҳоне, ки тибқи ширкатҳои сайёҳии ватанӣ хизмат расонида шудаанд (млн. сомонӣ) | 5,06 | 6,4 | 8,65 | 135 | 13,4 | 17,8 |
| Шумораи сайёҳони сайёр, ки аз қаламрави ҷумҳурӣ берун сафар менамоянд (ҳазор нафар) | 17,58 | 17,9 | 18,3 | 102 | 18,6 | 19,1 |
| **Туризми дохилӣ** | | | | | | |
| Шумораи сайёҳоне дохилӣ (ҳазор нафар) | 354,6 | 490,0 | 620,0 | 126,5 | 750,0 | 900,0 |
| Ҳаҷми маблағҳои даромадшуда аз ҳисоб сайёҳони дохилӣ (млн. сомонӣ) | 63,83 | 88,2 | 111,6 | 126,5 | 135,0 | 162,0 |

***Сарчашма:*** *Маълумоти Вазорати иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Аз таҳлили маълумотҳои ҷадвал бар меояд, ки агар соли 2021 ба ҷумҳурӣ 1 миллиону 100 ҳазор нафар сайёҳони хориҷӣ ворид шаванд, пас шумораи сайёҳони хориҷӣ нисбат ба соли 2017 – 2,5 маротиба меафзояд, ҳамчунин ҳаҷми умумии маблағҳои аз ҳисоби сайёҳони хориҷӣ воридшаванда аз 1,9 млн. сомонӣ (соли 2017) дар соли 2021 ба 4,8 млн. сомонӣ баробар мешавад, ки ин нишондиҳанда низ 2,5 маротиба зиёд хоҳад шуд.

Рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз равандҳои глобалӣ, вазъи кишварҳои ҳамшарики тиҷоратии асосӣ ва дигар омилҳо, аз ҷумла таъмини саривақтии иҷроиши нишондиҳандаҳои барномаҳо ва нақшаҳои тарҳрезишудаи давлатию соҳавӣ, фароҳам гардидани шароити мусоиди саромягузорӣ ва соҳибкорӣ дар кишвар, таҳкими муносибатҳои сиёсию иқтисодӣ бо кишварҳои минтақаю ҷаҳон, афзоиши ҳаҷми сармояи мустақим ва дигар сармоягузориҳо ба соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва ғайраҳо вобастагии амиқ дорад. Танҳо фаъолияти ҳадафмандона ва пайгиронаи вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва бахши хусусӣ татбиқи дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии кишварро барои солҳои 2016-2019 имконпазир менамоянд.

Ҳамин тариқ, ҷиҳати ноил гаштан ба рушди туризм ва иҷрои нақшаи дурнамои соҳа, ҳалли масъалаҳои зерин муҳим мебошанд:

1. **Ҳамгироии тамоми сохторҳои мурбут ба танзим ва идоракунии соҳаи сайёҳӣ.** Танзим ва идоракунии соҳаи сайёҳӣ бидуни таъмини ҳамгироии вазорату идораҳо аз ҷумла: Вазорати саноат ва технологияҳои нави ҶТ, Вазорати фарҳанги ҶТ, Кумитаи рушди сайёҳии назди ҲҶТ, Кумитаи рушди

сайёҳии назди ҲҶТ, Кумитаи ҳолатҳои фавкулодда ва мудофиаи граждании назди ҲҶТ, Кумитаи ҳифзи муҳити зист ва ғайра, инчунин зерсохторҳои кумитаҳои мазкур дар шаҳру ноҳияҳо ва мақомоти маҳалии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо имконнопазир аст.

2. **Дастгирии молиявии соҳаи сайёҳӣ.** Дар шароити иқтисоди бозоргонӣ маблағгузорӣ омили муҳими рушди соҳаҳои хоҷагии халқ маҳсуб меёбад. Бинобар ин, ҷалби бештари манбаҳои худию хориҷии молиявӣ барои рушди саноати туризм (таъсиси корхонаҳои сайёҳӣ, бунёди меҳмонхонаҳои муосир дар минтақаҳои сайёҳӣ, таъсиси маркази ягонаи иттилоотии бо технологияи муосир муҷаҳаз ва бо сомонаи интернетӣ пайваст, ташкили хатсайрҳои нави сайёҳӣ, рушди истеҳсоли маҳсулоти сайёҳӣ ва ғайра) заминаҳои асосӣ мегазорад.

3. **Омода намудани кадрҳои болаёқати соҳаи сайёҳӣ**. Гарчанде, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба омода намудани кадрҳо таваҷҷуҳи хоса дошта бошад ҳам, вале имрӯзҳо сатҳу сифати онҳо ба талаботи муосир ҷавобгӯ нестанд. Дар замоне, ки соҳаи сайёҳӣ дар тамоми дунё, бахусус дар Тоҷикистон рушди босуръат дорад ва шумораи ширкатҳои сайёҳӣ сол аз сол зиёд шуда истодааст, таъсиси муассисаи олии сайёҳӣ дар асоси стандартҳои байналмиллалии таҳсилоти олии касбӣ барои таъмини соҳа бо кадрҳои болаёқат ва рушди ояндаи он манфиатбахш мебошад.

4. **Таъмини бехатарии сафарҳои сайёҳӣ**. Одатан сайёҳон ба минтақаҳое сафар менамоянд, ки вазъи сиёсии ором дошта, амният ва дигар хизматрасониҳо дар сатҳи баланд таъмин бошанд. Дар бисёр кишварҳое, ки соҳаи сайёҳии рушдкарда доранд (масалан, Русия, Таиланд, Корея, Миср, Туркиё, Ҷопон), полиси сайёҳӣ фаъолият намуда, таъмини амнияти сайёҳонро ба ӯҳда дорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки фазои орому осоишта ва вазъи сиёсии муътадил дорад, то ҳол чунин фаъолият ба роҳ монда нашудааст. Аммо дар замоне, ки ҳаракатҳои экстремизм ва терроризмӣ ҳамарӯза дар ҷаҳон тезу тунд шуда истодаанд, дар назди Кумитаи рушди сайёҳӣ шуъбаи полиси сайёҳӣ ҷиҳати пешгирии ҳаракатҳои мазкур ва амнияти сайёҳон ташкил намудан зарур мебошад.

**Адабиёт**


1. Маълумоти расмии Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
2. Амиров Н.И., Ҷобиров Ш.А., Валиев З.Ҷ. Механизми таъмини рушди сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳолат, масоил ва роҳҳои ҳалли онҳо) // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон №2/2. Душанбе: “Сино” 2017, С. 64-67;
3. https://books.google.com.tj/books?id=QLYvBgAAQBAJ;
4. https://studwood.ru/1141320/turizm/vliyanie_turizma_obschestva;
5. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе – 2018, саҳ. 172, 173;
6. Маълумотҳои Вазорати иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2017-2018 ва дурнамои солҳои 2019-2021.



## АННОТАЦИЯ

## СОВРЕМЕННОЕ СОСТОЯНИЕ И ПЕРСПЕКТИВЫ РАЗВИТИЕ ТУРИСТИЧЕСКИХ ОТРАСЛЕЙ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В данной статье рассматривается современное состояние туристических отраслей и его влияние на другие отрасли народного хозяйства Республики Таджикистан, а также анализируется показатели перспективы развития отрасли туризма за период 2017-2019 года.

## ANNOTATION

## CURRENT STATE AND PROSPECTS DEVELOPMENT OF TOURISM IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

This article examines the current state of tourism industries and its impact on other sectors of the national economy of the Republic of Tajikistan, as well as analyzes the prospects for the development of the tourism industry for the period 2017-2019.



***Key words:*** *state, prospects, development, tourism, investment, infrastructure, efficiency, trend.*